Всемирная организация здравоохранения
Европейский регион

# Оё одамон имконияти молиявии пардохти хизматрасонии тиббиро доранд? Далелҳои нав оид ба ҳимояи молиявӣ дар Тоҷикистон

Дар ин гузориши ҷамъбастӣ арзёбӣ карда мешавад, ки то чӣ андоза мардум дар Тоҷикистон ҳангоми истифода аз хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти нақдӣ аз ҷайби худ ба мушкилоти молиявӣ дучор мешавад. Таҳлили ҳимояи молиявӣ одатан маълумотро дар бораи эҳтиёҷоти қонеънашуда ба кӯмаки тиббӣ дар бар мегирад, аммо ин маълумот барои Тоҷикистон дастрас нест. Дар гузориш маълумоти Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо истифода карда шудааст, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои аз соли 2016 то 2019 ва аз 2021 то 2022 гузаронида шудааст. Хулосаҳои асосии гузориш чунин мебошанд.

Дар соли 2022 18%-и хонаводаҳо бо хароҷоти беҳад зиёд барои хизматрасониҳои тиббӣ дучор шуданд (Расми 1). Аксари ин хонаводаҳо аз ҳисоби хароҷот барои тандурустӣ, ки аз ҷайби худашон пардохт карданд, низ камбизоат шуданд ё назар ба пешина боз ҳам камбизоаттар шудаанд (маълумот нишон дода нашудааст).

Хонаводаҳо дар квинтили камбизоаттарини истеъмолот бо эҳтимоли зиёд бо хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ дучор мешаванд (Расми 1). Хароҷоти беҳад зиёд барои соҳаи тандурустӣ бо эҳтимоли зиёд инчунин дар хонаводаҳое ҷой дорад, ки ҳадди ақал як нафари аз 65-сола боло доранд ё аз ҷониби шахси бекор сарварӣ карда мешаванд (маълумот нишон дода нашудааст). Хизматрасониҳои тиббие, ки эҳтимолан боиси хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ мегарданд, доруворӣ дар сатҳи амбулаторӣ ва то андозае табобати статсионарӣ мебошад (Расми 2).

Расми 1. Ҳиссаи хонаводаҳо бо хароҷоти беҳад зиёд аз рӯи квинтили истеъмолот




Эзоҳ: Маълумот барои соли 2020 дастрас нест. Танаффус дар соли 2021; маълумотҳои пеш аз соли 2021 ва пас аз он бо сабаби тағйирот дар саволнома қобили муқоиса нестанд. Натиҷаҳо барои солҳои 2016–2019 бо мақсади ҳалли масъалаҳои марбут ба сохтори интихоби тадқиқот ислоҳ карда шуданд.

Сарчашма: муаллифон, дар асоси маълумоти тадқиқоти буҷети хонаводаҳо.

Расми 2. Тақсимоти хароҷоти беҳад зиёд аз рӯи намудҳои хизматрасониҳои тиббӣ ва квинтилҳои истеъмолот, соли 2022




Эзоҳ: Таҳлилҳои ташхисӣ инчунин дигар хизматрасониҳои тиббии ҳамширагиро дар бар мегиранд ва ба маҳсулоти тиббӣ инчунин маҳсулот ва таҷҳизоти ғайритиббӣ дохил мешаванд.

Сарчашма: муаллифон, дар асоси маълумоти тадқиқоти буҷети хонаводаҳо.

## Чӣ тавр Тоҷикистон аз дигар кишварҳо фарқ мекунад?

Ҳодисаҳои хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ дар Тоҷикистон яке аз баландтарин дар Аврупо мебошад (Расми 3). Онҳо ба дараҷаи назаррас дар хонаводаҳое, ки даромади паст доранд, мутамарказ (консентратсия) шудаанд ва сабабгори он асосан хароҷоти нақдие аст, ки аз ҷайб барои хариди доруворӣ дар сатҳи амбулаторӣ карда мешавад. Ин хоси бисёре аз кишварҳоест, ки ҳимояи заифи молиявӣ доранд (Расми 4) (WHO Regional Office for Europe, 2023a).

## Чӣ ҳимояи молиявиро дар Тоҷикистон халалдор мекунад?

Дар Тоҷикистон пардохтҳои нақдӣ аз ҷайби аҳолӣ барои маблағгузории хизматрасониҳои тиббӣ бартарӣ доранд: ҳиссаи пардохтҳои нақдӣ аз ҷайб дар хароҷоти ҷорӣ дар соҳаи тандурустӣ (64% дар соли 2021) яке аз баландтарин дар Аврупо ва Осиёи Миёна мебошад (WHO, 2024). Ин на танҳо ба мушкилоти молиявӣ оварда мерасонад, балки инчунин метавонад баъзе одамонро аз муроҷиаткунӣ ба кӯмаки тиббӣ боздорад ва боиси эҳтиёҷоти қонеънашуда мегардад.

Вобастагии баланд аз пардохтҳои нақдӣ аз ҷайби худ ин натиҷаи бевоситаи хароҷоти ками давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ мебошад (2%-и ММД-ро дар соли 2021) (WHO, 2024).

Ин инчунин норасоиҳои назаррасро дар фарогирӣ бо хизматрасонии тиббӣ инъикос мекунад. Тоҷикистон аз соли 2007 то инҷониб дастрасиро ба барномаи кафолатҳои давлатие, ки аз ҷониби ҳукумат маблағгузорӣ мешавад, васеъ мекунад, ки он дастрасии ҳамаи шаҳрвандонро ба кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва хизматрасониҳои кӯмаки таъҷилӣ, ки дар ҷои истифода ройгон аст, таъмин мекунад (WHO, 2023b). Баъзе хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ низ дар ҷои истифодабарӣ ройгон аст, аммо танҳо барои шахсоне, ки ба ҳолатҳои муайяни иҷтимоӣ, синну сол ва маъюбӣ мувофиқанд ва инчунин барои шахсони гирифтори бемориҳои муайян; қисми боқимондаи аҳолӣ бояд фоизи баланди ҳампардохтро барои кӯмаки махсусгардонидашудаи фарогирифташуда (80% арзиш) пардохт кунад. Барномаи кафолатҳои давлатӣ бисёр намудҳои дигари кӯмаки тиббиро дар бар намегирад - масалан, хизматрасониҳои асосии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ба монанди таҳлилҳои ташхисӣ ва дорувориe, ки дар сатҳи амбулаторӣ таъин карда мешавад.

Аз сабаби маблағгузории нокифояи бардавоми низоми тандурустии давлатӣ пардохтҳои ғайрирасмӣ ва дигари мустақим дар соли 2018 47%-и даромади умумии муассисаҳоро ташкил доданд, дар ҳоле ки ҳампардохти расмӣ ҳамагӣ 6%-ро ташкил медод (Neelsen et al., 2021). Дар соли 2016 тақрибан нисфи (47%) хонаводаҳое, ки дар 12 моҳи қаблӣ аз хизматрасониҳои расмии тиббӣ истифода кардаанд, дар бораи пардохтҳои ғайрирасмӣ ё тӯҳфаҳо ба таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ гузориш доданд (Neelsen et al., 2021). Ин маънои онро дорад, ки ворид намудани механизми ҳампардохтҳои расмӣ ҳамаи пардохтҳои нақдӣ аз ҷайби аҳолиро ба расмият даровarда натавонист.

## Чӣ тавр Тоҷикистон ҳимояи молиявиро беҳтар карда метавонад?

Барои таҳкими ҳимояи молиявӣ бояд ба коҳиш додани вобастагии зиёд аз пардохтҳои нақдие, ки аз аз ҷайби аҳолӣ карда мешаванд ва васеъ намудани барномаи кафолатҳои давлатӣ дар сатҳи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Ҳиссаи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ дар буҷети давлатӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳо дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Миёна паст (7%) боқӣ мемонад (WHO, 2024). Хароҷоти бештари давлатӣ бояд ба соҳаи тандурустӣ барои маблағгузории кӯмаки ҳамаҷонибаи аввалияи тиббию санитарӣ, ки дастрасии беҳтар ба доруворӣи дар сатҳи амбулаторӣ таъиншаванда ва таҳлилҳои ташхисиро барои тамоми аҳолӣ таъмин менамояд, ҷудо карда шаванд.

Барномаи кафолатҳои давлатӣ бояд бо дарназардошти эҳтиёҷоти аҳолӣ дар соҳаи тандурустӣ ва самаранокии иқтисодии хизматрасониҳо аз нав дида баромада шуда, ислоҳ карда шавад. Доираи васеътари хизматрасониҳо ва доруворӣи асосӣ бояд ба барномаи кафолатҳои давлатӣ барои аҳолӣ дар умум бе ҳампардохт (ё бо ҳампардохти минималии муқарраршуда) дохил карда шаванд. Хизматрасониҳои на он қадар самаранок бояд аз барномаи кафолатҳои давлатӣ хориҷ карда шаванд.

Кӯшишҳо бояд барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ дар бораи ҳуқуқҳои худ пеш гирифта шаванд, то одамон барои хизматрасониҳое, ки барои ройгон ё бо нархи паст гирифтани онҳо ҳуқуқ доранд, аз ҷайби худ иловатан пардохт накунанд.

Рӯйхати гурӯҳҳое, ки барои озод шудан аз ҳампардохт барои кӯмаки махсусгардонидашуда ҳуқуқ доранд, бояд

Расми 3. Ҳодисаҳои хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ ва ҳиссаи пардохтҳои нақдие, ки аз ҷайб карда шудаанд, дар хароҷоти ҷорӣ барои соҳаи тандурустӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна, соли охирини пеш аз COVID-19, ки дар бораи он маълумот мавҷуд аст

Эзоҳҳо: маълумот дар бораи хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ ва пардохтҳои нақдӣ аз ҷайби худ ба ҳамон як сол тааллуқ дорад, ба истиснои Тоҷикистон, ки дар он маълумот дар бораи пардохтҳои нақдӣ аз ҷайб ба соли 2021 тааллуқ дорад (маълумоти охирини дастрас) ва маълумот дар бораи ҳодисаҳои хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ ба соли 2022 тааллуқ дорад. Ранги нуқтаҳо ҳодисаҳои хароҷоти беҳад зиёдро барои тандурустӣ ифода мекунад: сабз <2%, зард <5%, норанҷӣ <10%, сурх <15%, сурхи торик бештар аз 15%. Нидерландияро (Подшоҳӣ) бо дигар кишварҳо муқоиса кардан мумкин нест, зеро тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Нидерландия маблағи солонаи тарҳшавандаеро, ки хонаводаҳо барои хизматрасонии тиббии фарогирифташуда аз ҷайби худ пардохт мекунанд, дар бар намегиранд ва ин ба пастшавии натиҷаҳо оварда мерасонад. Барои рамзҳои кишвар ба саҳифаи 4 нигаред.

Сарчашма: маълумот дар бораи хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ аз UHC Watch (WHO Regional Office for Europe, 2024) ва маълумот дар бораи пардохтҳои нақдӣ аз ҷайби худ аз WHO (2024) гирифта шудааст.




Расми 4. Тақсимоти пардохтҳои нақдие, ки аз ҷайби худ карда шудаанд, дар байни хонаводаҳо бо хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ дар Аврупо аз рӯи намуди кӯмаки тиббӣ, соли 2019 ё соли охирини пеш аз COVID-19, ки дар бораи он маълумот мавҷуд аст

Табобати статсионарӣ
Табобати амбулаторӣ
Таҳлилҳои ташхисӣ
Молҳои тиббӣ
Кӯмаки стоматологӣ
Доруворӣ

Эзоҳҳо: кишварҳо аз рӯи ҳодисаҳои хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ аз чап ба рост раддабандӣ карда шудаанд. Ба эзоҳ дар бораи Нидерландия (Подшоҳӣ) дар Расми 3 нигаред. Маълумот дар бораи хароҷоти беҳад зиёд барои тандурустӣ дар Тоҷикистон ба соли 2022 тааллуқ. Барои рамзҳои кишвар ба саҳифаи 4 нигаред.

дорад. Сарчашма: WHO Regional Office for Europe (2023a).



аз нав дида баромада шавад. Ба гурӯҳҳои одамоне, ки аз ҳимояи бештар аз пардохтҳои ҷайбӣ баҳра хоҳанд бурд, истифодабарандагони доимии хизматрасонии тиббӣ, хонаводаҳои дорои даромади кам ва кӯдакон ва пиронсолон мебошанд, ки то ҳол аз пардохти иловагӣ озод нестанд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қарибӣ қабул шудааст, аз моҳи августи соли 2023 пардохтҳои нақдиро барои хизматрасонии тиббе, ки аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешаванд, манъ кардааст. Ба ҷои ин, пардохтҳо бояд ба таври электронӣ бо истифода аз кортҳои бонкӣ анҷом дода шаванд. Барои коҳиш додани вобастагии таъминкунандагони хизматрасониҳо аз пардохтҳои ғайрирасмӣ бояд чораҳои иловагӣ андешида шаванд. Инро метавон тавассути муносибати бисёрсоҳавӣ, ки афзоиши хароҷоти давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ, такмил додани барномаи кафолатҳои давлатӣ ва таҳкими хариди хизматрасониҳои тиббиро дар бар мегирад, ба даст овард.

## Рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда


Neelsen S, Egamov F, Dorgabekova H, Madeville K (2021). Review of Public Health Expenditure in the Republic of Tajikistan: Discussion Paper. Washington DC: World Bank (https://documents1.worldbank.org/curated/en/139391628147971743/pdf/Discussion-Paper.pdf).

WHO (2024). Global Health Expenditure Database [online database]. Geneva: World Health Organization (https://apps.who.int/nha/database).

WHO Regional Office for Europe (2023a). Can people afford to pay for health care? Evidence on financial protection in 40 countries in Europe. Copenhagen: WHO Regional Office for Europe (https://iris.who.int/handle/10665/374504).

WHO Regional Office for Europe (2023b). Health Financing System Assessment. Tajikistan 2023: health financing progress matrix. Copenhagen: WHO Regional Office for Europe.

WHO Regional Office for Europe (2024). UHC watch [online database]. Copenhagen: WHO Regional Office for Europe (https://apps.who.int/dhis2/uhcwatch/#/).


## Миннатдорӣ


Ин гузориши ҷамъбастӣ аз ҷониби Asiyeh Abbasi (мушовири ТУТ) ва Farrukh Egamov (мушовири ТУТ) навишта шудааст. Ilker Dastan, Malika Khakimova (Дафтари ТУТ дар Тоҷикистон), Alona Goroshko, Triin Habicht ва Jens Wilkens (Дафтари ТУТ дар Барселона оид ба маблағгузории низомҳои тандурустӣ) ба он тақриз навиштанд ва John Cylus ва Sarah Thomson (Дафтари ТУТ дар Барселона) онро таҳрир карданд. Дафтари минтақавии аврупоии ТУТ миннатдории худро ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба муаллифон пешниҳод кардани маълумоти тадқиқоти буҷети хонаводаҳо ва маълумот оид ба хароҷот барои тандурустӣ баён мекунад.


## Мониторинги ҳимояи молиявӣ дар Аврупо

Ин тадқиқот як қисми силсилаи гузоришҳои кишварӣ аст, ки дар онҳо далелҳои нав оид ба ҳимояи молиявӣ – дастрасии аз ҷиҳати молиявӣ ҷоиз ба хизматрасонии тиббӣ дар низомҳои тандурустии Аврупо ва Осиёи Миёна ҷамъоварӣ карда шудаанд. Ҳимояи молиявӣ барои ноилшавӣ ба фарогирии умумӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ (ФУХТ) нақши марказӣ дорад ва нишондиҳандаи Ҳадафҳои рушди устувор, як қисми Пояи аврупоии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ буда, дар маркази Барномаи аврупоии корҳо, чаҳорчӯбаи стратегии Дафтари минтақавии аврупоии ТУТ (ДМА ТУТ) қарор дорад. ДМА ТУТ тавассути Дафтари ТУТ дар Барселона оид ба маблағгузории низомҳои тандурустӣ ҳифзи молиявиро дар зиёда аз 40 кишвари ҷаҳон мониторинг мекунад. Барои маълумот, таҳлил ва дигар захираҳо ба тамошои UHC watch нигаред.

## Кишварҳо

ALB: Албания; ARM: Арманистон; AUT: Австрия; BEL: Белгия; BIH: Босния ва Ҳерсеговина; BUL: Булғористон; CRO: Хорватия; CYP: Кипр; CZH: Чехия; DEN: Дания; DEU: Олмон; EST: Эстония; FIN: Финляндия; FRA: Фаронса; GEO: Гурҷистон; GRE: Юнон; HUN: Венгрия; IRE: Ирландия; ISR: Исроил; ITA: Италия; LTU: Литва; LUX: Люксембург; LVA: Латвия; MAT: Малта; MDA: Ҷумҳурии Молдова; MKD: Македонияи Шимолӣ; MNE: Черногория; NET: Нидерланд (Шоҳигарӣ); POL: Полша; POR: Португалия; ROM:Руминия; SRB: Сербия; SVK: Словакия; SVN: Словения; SPA:Испания; SWE: Шветсия; SWI: Швейтсария; TJK: Тоҷикистон; TUR: Туркия; UKR: Украина; UNK: Подшоҳии Муттаҳида.


**Дафтари ТУТ дар Барселона оид ба маблағгузории низомҳои тандурустӣ**

Дафтари ТУТ дар Барселона маркази таҷрибаи пешқадам дар самти маблағгузории низомҳои тандурустӣ барои фарогирии умумӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ мебошад. Дафтар бо кишварҳои аъзо дар саросари минтақаи аврупоии ТУТ ҳамкорӣ карда, ба таҳияи сиёсат дар асоси далелҳо мусоидат мекунад. Он инчунин макони баргузории курсҳои омӯзишии ТУТ оид ба маблағгузории низомҳои тандурустӣ ва таҳкими низомҳои тандурустӣ барои беҳтар кардани нишондиҳандаҳои саломатӣ мебошад. Қисми асосии кори Дафтар арзёбии пешрафти кишварҳо ва минтақа дар самти фарогирии умумӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ тавассути мониторинги ҳимояи молиявӣ мебошад. Дафтари мазкур инчунин ба кишварҳо кӯмаки техникии инфиродиро пешниҳод мекунад, ки барои коҳишдиҳии эҳтиёҷоти қонеънашуда ва маҳдудиятҳои молиявӣ тавассути муайянсозӣ ва бартарафсозии камбудиҳои фарогирӣ равона карда шудааст. Дафтари мазкур соли 1999 бо дастгирии Ҳукумати Ҷамъияти мухтори Каталонияи Испания таъсис дода шудааст. Он як қисми Шӯъбаи сиёсати кишварҳо ва низомҳои тандурустии Дафтари минтақавии аврупоии ТУТ мебошад.



**Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ**
**Дафтари минтақавии аврупоӣ**

UN City, Marmorvej 51, DK-2100 Copenhagen Ø, Denmark
Тел.: +45 45 33 70 00 Факс: +45 45 33 70 01
Почтаи электронӣ: eurocontact@who.int
Сомона: www.who.int/europe



Funded by the European Union

Нашрияи мазкур бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ба табъ расидааст. Мундариҷаи нашрия мояи масъулияти Дафтари минтақавии аврупоии ТУТ буда, ифодагари нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупо намебошад.



© Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, соли 2024. Баъзе ҳуқуқҳо ҳифз карда шудаанд. Кори мазкур бо иҷозатномаи CC BY-NC-SA 3.0 IGO дастрас аст.